**ХУЛОСАИ**

**ниҳоии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №___________**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 24.11.2023, №17**

Дар бораи сазовор донистани Элмуродова Давлатбӣ Анваровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ).

Диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна дар мавзуи «Масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) ба ҳимоя дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 15 сентябри соли 2023, суратмаҷлиси № 12 қабул гардидааст (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси Шурои диссертатсионӣ аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9).

Довталаби дараҷаи илмӣ Элмуродова Давлатбӣ Анваровна, санаи таваллудаш 18.07.1992, соли 2014 дараҷаи бакалаврро дар факултети фасафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси «сотсиология» хатм намудааст. Соли 2016 дараҷаи магистрро дар факултети фасафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси «сотсиология» хатм намудааст. Солҳои 2017-2020 дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси докторанти доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси - 6D050100 -Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ,

ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) таҳсил намудааст. Аз соли 2020 то инҷониб ба ҳайси ассистени кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шоисматуллоев Шоназар - узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор, мудири шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовадинови АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Хушқадамова Ҳалимахон Отамбековна** – доктори илмҳои сотсиологӣ, дотсент, профессори кафедраи забонҳо ва фарҳанги халқҳои ИДМ ва Россияи Донишгоҳи низомии Вазорати дифои Федератсияи Россия;

**Назархудоева Лола Тошбековна** – номзади илмҳои фалсафа, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (ш.Душанбе) дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ Раҳматов У.Н., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Асомадинов М.А. ва номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарипов Х.Б. имзо гардидааст, қайд менамояд, ки зарурати омӯзиш ва баррасии самтҳои таҳқиқи мавзуи диссертатсия барои муайян намудани масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии оилаҳои нопурраи Тоҷикитсон ва модарони танҳо, ҳолати иҷтимошавии фарзандон дар муҳити оилаҳои нопурра, оқибатҳои номатлуби мушкилоти модарони танҳо, пешгирии пахншавии оилаҳои нопурра дар Тоҷикистон ва тақвият додани сиёсати иҷтимоии давлат дар самти дастгирии модарони танҳо ва муқаррар намудани имтиёзҳои давлатӣ нисбати онҳо мусоидат карда метавонад. Диссертатсияи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна ба талаботи бандҳои 31-33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионии Элмуродова Давлатбӣ Анваровна ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мебошад.

Элмуродова Давлатбӣ Анваровна вобаста ба мавзуи диссертатсия 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комисияи аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Интишороти муаллиф дар маҷалаҳои илмии тақризшаванда:**

[1-М]. Элмуродова, Д.А. Хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодии зиндагонии модарони танҳо ва рафтори стратегии онҳо дар ҳолатҳои мушкили зиндагӣ [Матн] / Ш. Шоисматуллоев, Д.А. Элмуродова // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020. - №1. -С 38-44.

[2-М]. Элмуродова, Д.А. Барҳамхӯрии оила ҳамчун омили иҷтимоии пайдоиш ва паҳншавии оилаҳои нопурра [Матн] / Д.А. Элмуродова // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. - 2019 (006). - №2. - С. 141-147.

[3-М]. Элмуродова, Д.А. Баррасии масъалаи пайдоиш ва паҳншавии модарии танҳо дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон [Матн] / Д.А. Элмуродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2018. - №4. -С. 175-179.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои муҳаққиқони зерин ворид шудаанд:**

**Махмадизода Н.Д.** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, ҳамчун эрод қайд карда мешавад, ки дар зербоби якуми боби аввал пайванди матиқии масъалагузорӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст ва барои дарку фаҳми хонанда каме мушкил мебошад. Дар зербоби дуюм аз осори илмии мутафаккирони тоҷику форс кам истифода шудааст ва бештар муаллиф ба муҳаққиқони хориҷӣ таваҷҷуҳ намудааст. Дар матни чопии автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд.

**Раҳимов М.Х.** - доктори илмҳои фалсафа, профессори фанҳои ҷомеашиносии Донишгохи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. Тақриз мусбат аст, ба сифати тавсия қайд мегардад, ки дар маводҳои эмпирикӣ гузаронидани пурсишҳо байни фарзандоне, ки дар оилаи нопурра ба балоғат расидаанду имрӯз мавқеи устуворро дар ҷомеа соҳиб мебошанд, дар раванди ба балоғат расиданашон ба кадом мушкилиҳои равонӣ – иҷтимоӣ гирифтор гардида буданд. Чунин кор сифати рисолаи диссертатсионӣ ва автореферsucceeding боз ҳам баландтар менамуд.

**Шоев Н.С.** - номзади илмҳои сотсиологӣ, муаллими калон, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст. Дар тақриз қайд карда мешвад, ки дар матни чопии автореферат баъзе норасоиҳои ҷузъӣ, мисли хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, аммо ин норасоиҳо ба мазмун ва арзиши илмии автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, интихоб ва таъин шудаанд. Интихоби муқарризон ва муассисаи пешбар ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар самти масоили таҳқиқшуда корҳои илмӣ - таҳқиқотиро анҷом додаанд ва мутахассисони шинохтаи соҳаҳои илми худ маҳсуб меёбанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- аввалин маротиба дар илми сотсиологияи Тоҷикистон зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон таҳқиқ гардида, назарияҳо ва равишҳои илмии он мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст;

- хусусиятҳои хоси зуҳуроти модарӣ вобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи муосири Тоҷикистон дида баромада шуда, раванди тағйирёбии мақом ва нақши иҷтимоии модарӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт;

- дар раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии пайдоишу паҳншавии оилаҳои нопурра ва модарони танҳо муайян карда шуда, бо далелҳои илмӣ асоснок гардидаанд;

- аввалин маротиба дар илми сотсиологияи ватанӣ масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, тарбиявӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии модарони танҳо дар оилаҳои нопурраи Тоҷикистон, стратегияи рафтори модарони танҳо дар вазъи мушкили зиндагӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд;

- вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ механизмҳои иҷтимоишавии кӯдакону наврасон дар шароити оилаҳои нопурра ва таъсири рафтори модарони танҳо ба таълиму тарбияи фарзандон нишон дода шудаанд. Муайян карда шуд, ки дар сурати аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз нагардидани модарони танҳо дар оилаҳои нопурра ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, каҷрафтории иҷтимоии наврасону ҷавонон, иҷтимоишавии нодурусти фарзандон, падидаи худкушӣ, низоъҳои оилавӣ ва афсурдаҳолии равонии модарон меафзоянд;

- натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки ҳарчанд оилаҳои нопурра ва модарони танҳои оилаҳои нопурра мувофиқи сиёсати иҷтимоии Тоҷикистон баъзе имтиёзҳои давлатӣ доранд ва барои онҳо кумакпулиҳои иҷтимоӣ муқаррар карда шудаанд, аммо ин тадбирҳо

барои бартараф намудани масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо кифоя нестанд, онҳоро аз вазъи мушкили зиндагӣ раҳо карда наметавонанд;

- дар раванди омӯзишу таҳлили мавзуи диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои модарӣ дар оилаҳои нопурра, бартараф намудани мушкилоти раванди иҷтимоишавии кӯдакон дар оилаҳои нопурра ва беҳтар намудани вазъи зиндагии модарони танҳо дар оилаҳои нопурра низоми чорабиниҳо ва тавсияҳо пешниҳод карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки дар он асосҳои назариявии омӯзиши зуҳуроти оилаҳои нопурра мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф ба ҷиҳатҳои асосӣ ва хулосаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишмандони ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиши масъалаҳои оилаҳои нопурра ва таҳлили иҷтимоии он равона гардидааст, такя намудааст, зеро таҳқиқоти анҷомдодаи онҳо имконияти бештари таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи таҳқиқшавандаро дорад. Омӯзиши маводи диссертатсия барои муайян, баҳогузорӣ ва пешбинӣ кардани раванди минбаъдаи падидаи оилаҳои нопурра ва шаклҳои зоҳиршавии он, инчунин пешгирии таъсири манфии ин падида ва самаранок истифода кардани ҷиҳатҳои мусбати ин падидаи иҷтимоӣ манфиатовар буда метавонад. Дар таҳқиқоти мазкур усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои хоси илмҳои сотсиологӣ, инчунин усулҳои таҳлили таърихӣ, таҳлили оморӣ, вазифавӣ, муқоисавӣ, баҳогузорӣ ва пешгӯӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқот усулҳои микдорӣ ва сифатӣ истифода гардидаанд, ки барои баррасии паҳлуҳои гуногуни масъалаи таҳқиқшаванда мусоидат намудаанд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти довталаби дараҷаи илмӣ бо он тасдиқ мегардад, ки** мавод, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро ҳангоми кор карда баромадани сиёсати иҷтимоии давлатӣ оид ба масъалаҳои оила, модарӣ, кӯдакон, омода намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барои кор карда баромадани сиёсати демографӣ, шуғлмандии занон, ҳифзи иҷтимоии модарони танҳо ва оилаҳои нопурра ва дигар масъалаҳои оилаҳои нопурра истифода бурдан имконпазир мебошад.

Омӯзиши маводи диссертатсия барои муайян, баррасӣ ва пешбинӣ кардани хусусиятҳои зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурра, инчунин пешгирии паҳншавии оилаҳои нопурра ва модарони танҳо аз аҳамият холӣ нест.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳамчун маводи иловагӣ ҳангоми таълими курсҳои «Сотсиологияи гендерӣ», «Сотсиологияи оила», «Сотсиологияи шахс», «Сотсиологияи таҳсилот» ва «Сотсиологияи каҷрафтории иҷтимоӣ» васеъ истифода бурдан мумкин аст. Муҳаққиқон ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологии ба ин мавзуъ марбут, ҳангоми навиштани рисолаҳои номзадӣ, магистрӣ ва дипломӣ аз маводи рисолаи диссертатсионӣ васеъ истифода бурда метавонанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, маърӯза ва мақолаҳои интишоргардида бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳиянамудаи Элмуродова Давлатбӣ Анваровна ба ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 - Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии рисолаи диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар иштирок ва гузаронидани тадқиқотҳои сотсиологӣ тасдиқ карда мешаванд. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқот саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар ҷараёни омӯзиши мавзуъ ва таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва эмпирикиро дар бораи зуҳуроти иҷтимоии модарӣ дар оилаҳои нопурраи ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҳлил кардааст. Муҳаққиқ шахсан дар тадқиқотҳои сотсиологии

аз ҷониби кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда дар мавзуъҳои «Сабабҳо ва оқибатҳои иҷтимоии ҷудошавии оилаҳои ҷавон дар Тоҷикистон» (соли 2018), «Сабабҳои пайдоишу паҳншавӣ ва роҳҳои пешгирии ҷинояткории наврасону ҷавонон дар Тоҷикистон» (соли 2019) ва «Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон» (2022) бевосита иштирок намуда, аз натиҷаҳои бадастомадаи ин тадқиқотҳо дар навиштани диссертатсияи худ самаранок истифода бурдааст.

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси 24-уми ноябри соли 2023 дар бораи сазовор донистани Элмуродова Давлатбӣ Анваровна ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050104 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 4 нафар. Аз 12 нафар иштирокчиёни маҷлис, ки ба Шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 12, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Муовини раиси**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** ________________ **Усмонова З.М.**

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** ________________ **Қаҳоров Ғ.Ғ.**

24.11.2023